# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.

Тарҷумаи бадеӣ ҷузъи ҷудонашавандаи хазинаи осории адабии тоҷик буда, асосан, баъд аз солҳои бистуми асри XX ташаккул ва таҳаввули назаррас ёфтааст. Ҳамчунин, маҳз дар ҳамин давра шаклгирӣ илми тарҷумашиносӣ ва аввалин кӯшишҳои баҳо додан ба сифати осори тарҷумавӣ ба вуқуъ омадаанд. Адибони тоҷик, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Сиддиқии Аҷзии Самарқандӣ, Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Ҳасан Ирфон, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон на танҳо ба воситаи асарҳои эҷодии худ, балки тавассути тарҷумаҳояшон низ хазинаи осори тарҷумавии тоҷикро бою ғанӣ гардонидаанд.

Дар ин ҷараён, яъне раванди ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ нақши шахсиятҳои ҷудогона қобили таваҷҷуҳ буда, маҳз ба василаи хидматҳои эшон тарҷума ҳамчун ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи адабу фарҳанг дар ҷомеаи мо нақшу мақоми назаррасу шоиста пайдо намуд. Дар ин раванд метавон Ҳабиб Аҳрориро яке аз поягузорони тарҷумаи бадеӣ ва тарҷумашиносии тоҷик муаррифӣ намуд. Аз ин рӯ, кори таҳқиқии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевнаро, ки ба пажӯҳиши масоили марбут ба рӯзгору осори адиб ва таъини нақши ӯ дар ташаккулу таҳаввули мактаби тарҷумаи тоҷикӣ бахшида шудааст, кори муҳим ва боаҳаммият маънидод намудан мумкин аст.

Навгонии кори таҳқикии мавриди назар аз он иборат аст, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик зиндагинома, фаъолияти адабӣ, тарҷумонӣ, луғатнигорӣ, хусусияти осори тарҷумавию афкори Ҳабиб Аҳрорӣ ва нақшу хидматҳои адиб дар раванди инкишофи насри бадеӣ, тарҷумаи бадеӣ ва тарҷумашиносии тоҷик таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки кори таҳқиқии Исмоилова Дилором аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се бобу шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияту дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ ва дигар бахшҳои марбут ба муқаддима хеле дақиқ ва мушаххас оварда шудаанд. Дар «Қисми асосии таҳқиқ»-и автореферат оид ба

мухтавои ҳар як бобу фаслҳои диссертатсия маълумот ва матолиби ҷолиб оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ» ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои ин боб зиндагинома, осори бадеию илмӣ ва тарҷумавии адиб мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчунин, марҳалаҳои шаклгирии ҳунари нависандагӣ, луғатнигорӣ ва тарҷумонии адиб мушаххас гардидаанд. Диссертант муайян намудааст, ки Ҳабиб Аҳрорӣ яке аз бунёдгузорони ба ҳайси нависанда, тарҷумон, публитсист, забоншинос ва луғатнигор «дар солҳои сиюми садаи гузашта зери роҳбарии бевоситаи устод Айнӣ, бо ҳамроҳии шарикдарсонаш – Абдусалом Деҳотӣ ва Абдушукур Пирмуҳаммадзода фаъолияти меҳнатӣ ва адабиашро дар синни ҳаждаҳсолагӣ, яъне соли 1931 дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон, ки дар Самарқанд ташкил шуда буд, оғоз карда, то охирин рӯзҳои ҳаёташ дар хидмати адабиёту фарҳанги тоҷикӣ, бахусус, соҳаи тарҷумаи бадеӣ будааст» (Автореферат, саҳ. 9).

Боби дуюми диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккули назарияи тарҷумаи бадеӣ, хусусиятҳои мундариҷавӣ, бадеӣ ва жанрии осори мансури нависанда бахшида шудааст. Аз баррасиҳо ва пажӯҳиши Исмоилова Дилором маълум мегардад, ки Ҳабиб Аҳрорӣ дар солҳои охири умраш дар асоси таҷрибаи дар соҳаи тарҷумаи бадеӣ андӯхтааш, асарҳои бадеии муҳимму зарурии тарҷумашударо мавриди омӯзиш ва нақду баррасӣ қарор додааст. Ҳабиб Аҳрорӣ дар ин самт мақолаҳои ҷудогона низ таълиф кардааст, ки «Суҳбат аз санъати тарҷума», «Кори эҷодӣ ё як навъ касби одӣ?», «Ба муқобили формализм дар кори тарҷума», «Роҷеъ ба терминологияи тоҷик», «Оид ба тарҷумаи адабиёти тоҷик ба забони русӣ» чанде аз онҳост. Муаллифи диссертатсия ин мақолаҳоро таҳлил ва арзёбӣ намуда, моҳияти андешаҳои Ҳабиб Аҳрориро доир ба масъалаҳои назарияи тарҷума, таърихи тарҷума, нигаҳдошти вижагиҳои матни асл, хусусан, сабку иродаи нависанда ва ғайри ба ҳадди зарурӣ баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Нақш ва ҷойгоҳи Ҳабиб Аҳрорӣ дар ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи тоҷикӣ» унвон дошта, дар он масоили муҳимми вобаста ба тарҷума ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ мавриди барраси ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф хизматҳои Ҳабиб Аҳрориро дар тарҷумаи адабиёти русу ҷаҳон алоҳида қайд карда, бо мисолҳои зиёд ва муқоисаи онҳо садоқат ва ҳунари тарҷумонии адибро дар ҳифзи сабки муаллифи матни асл собит намудааст.

Исмоилова Дилором натиҷаи таҳқиқи худро дар қисмати хулоса дар даҳ банд овардааст, ки натиҷагирӣ аз бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар расиданд:

1. Агар дар бахши «сарчашмаҳои таҳқиқ» асарҳои бадеии истифодагардида мушаххас оварда мешуданд, беҳтар буд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 6, 11, 18) ва техникӣ (5, 11, 14, 19) роҳ ёфтаанд.
3. Агар диссертант ба масъалаи мактаби эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ ва нақши ӯ дар тарбияи адибону тарҷумашиносони ҷавон низ таваҷҷуҳ мекард, ҳусни кор меафзуд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии кори таҳқиқии довталабро кам намекунанд, балки ислоҳи онҳо ба ин кор ҳусни бештар зам хоҳад намуд.

Автореферати диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» ба талаботи таҳияи авторефератҳо ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

**номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Додихудоев Р.М.**
**15.02.2024.**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Маяковский, 70.
Телефони мобилӣ: (+992) 918-26-44-56
E-mail: bestmuslim@mail.ru

Имзои Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Телефон: (+992-37) 224-17-86; факс: 224-83-93.
E-mail: info@apa.tj
15.02.2024.